# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Султонзода **Шоҳкарим Султон** дар мавзуи “Танзими **ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои калидии муносибатҳои ҳуқуқии муосир мебошад. Дар ин самт мушкилоти гуногуни ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ҳалли онҳо ба анҷом додани таҳқиқоти амиқи илмӣ вобастагии зиёд дорад. Муаллиф мубрамияти мавзуъро дуруст арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки раванди самараноки роҳсозӣ дар рушди иқтисод ва фаъолияти соҳибкорӣ нақши муҳим дорад. Бо вуҷуди он ки дар солҳои охир фаъолияти соҳибкорон дар ин соҳа густариш ёфта, ҳаҷми маблағгузорӣ афзоиш ёфтааст ва фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ тақвият ёфтааст, як қатор мушкилоти ҳалталаб ҳамоно боқӣ мондаанд, ки бартарафсозии онҳо такмили қонунгузориро тақозо менамояд. Аз ҷумла,

зарурати мушаххас намудани реҷаи ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ба миён меояд, аз қабили муайян кардани мансубияти онҳо ба ашёи манқул ё ғайриманқул, мақоми онҳо ҳамчун ҷузъи маҷмуаи ягонаи инфрасохтор ё объекти хаттӣ, инчунин масъалаҳои вобаста ба имконияти гузариш ба моликияти хусусӣ ва тартиби идоракунии онҳо, ки то ҳол ба таври ниҳоӣ ҳаллу фасл нашудаанд (с.5).

Роҷеъ ба ҳамин масъала баъзе маводҳои илмӣ нашр шудаанд, аммо маҳз масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола баррасӣ кардааст, аз масъалаҳои дигар тадқиқотҳо фарқ намуда, назари хос ва мавқеи илмию эҷодиро ифода кардааст. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани як қатор камбудиҳо ва холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст ва ҷиҳати такмили ақидаҳои илмии марбути мавзуъ равона карда шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳаммияти боризи назариявӣ ва амалӣ бархурдор буда, баҳри бартараф намудани камбудҳои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, такмили қонунгузории соҳа, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти маданӣ ва шакл гирифтани шартномаи дурусту қонунӣ мусоидат менамояд. Аз ҳамин лиҳоз рисола айни замон ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Бинобар далелҳои зикршуда мубрамияти илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ягон шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад ва ҷолиби диққат мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Чуноне муаллиф зикр менамояд, “навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ва худи фаъолият доир ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад (с.11). Қобили зикр аст, ки рисола

кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории маданию соҳибкорӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии мантиқию дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо **навгониҳои таҳқиқоти** диссертатсияро ифода месозанд:

1. Муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши бунёди роҳҳои автомобилгард маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиянд, ки дар натиҷаи сабти давлатӣ, идоракунӣ ва назорати фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ шакл мегиранд. Ин робитаҳо баҳри сохтмони босифати роҳҳо дар минтақаҳои дорои релефи печида, истифодаи мақсадноки қитъаҳои замин, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва ҳамчунин ҷараёни иҷрои корҳои соҳибкорӣ, аз қабили омодагии геодезӣ бо истифода аз аксбардории топографӣ, омӯзиши сохтори релеф, хок, ковокиҳои замин ва манбаъҳои об дар он минтақа нигаронида шудаанд.

Муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои дорои вижагиҳои хосанд:

а) инҳо дар ҷараёни гирифтани иҷозатномаҳо ташаккул меёбанд;

б) пойбандӣ ба шартҳои иҷозатнома заминаи асосии фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳад, аз ин рӯ, мақомоти давлатӣ пайваста ва бемайлон иҷрои онҳоро зери назар қарор медиҳанд;

в) ин муносибатҳо дар заминаи моликияти истисноии давлат ба вуҷуд меоянд;

г) масъулияти соҳибкор дар ин муносибатҳо ҳатто пас аз анҷоми кор ва қабули он аз ҷониби фармоишгар ба муддати тулонӣ боқӣ мемонад;

д) ин муносибатҳо аз лиҳози иқтисодӣ ва стратегӣ аҳаммияти бузург доранд.

2. Таърихи инкишофи қонунгузорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард аз 5 марҳила иборат аст: марҳилаи аввал аз пойдоршавии Ҳокимияти Шуравӣ то соли 1929, ки дар ин давра қонунгузории бахши роҳҳои автомобилгард аз санадҳое иборат буд, ки аслан ба идоракунии давлатии роҳҳои автомобилгард равона гардида буд; марҳилаи дувум, ки аз барномаи бузурги сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ маншаъ гирифта, солҳои бунёди аввалин роҳҳо бо сангфаршшударо дар бар мегирад ва ба таҳияи нақшаи панҷсолаи якум ва дуюм рост меояд; марҳилаи сеюм - солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дар бар мегирад, ки дар он солҳо афзалияти аввалиндараҷа ба хатти ҷабҳа дода мешуд, аз ин рӯ, бунёди роҳҳои автомобилгард дар зинаи дуюм қарор гирифт; марҳилаи чорум солҳои 1946 то 1990-ро дар бар мегирад, ки аз шаклгирии Вазорати нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон то ҷалби колхозҳову совхозҳо дар сохтмони роҳҳои автомобилгардро дар назар дорад. Дар ин давра фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба ташкили ҳамкориҳои бахши давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона равона шуда буд; марҳилаи панҷум дар даврони Истиқлоли давлатӣ, ки дар он сохтмони роҳҳои автомобилгард тобиши нав касб намуданд, чунки яке аз ҳадафҳои стратегии давлат маҳз баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

3. Танзими давлатӣ дар бахши муносибатҳои соҳибкорӣ марбут ба бунёди роҳҳои автомобилгард, як маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқиест, ки хусусияти иҷроӣ, ҳавасмандсозӣ ва назоратиро дар бар гирифта, баҳри расидан ба ҳадафҳои дурнамои стратегӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст. Ин раванд аз тарафи ниҳодҳои масъули давлатӣ масъул нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ татбиқ мегардад.

Идоракунии давлатӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард маънои даxолати мақсадноки давлат ба муносибатҳои соҳибкориро дорад, ки ин даxолат дар чаҳорчӯби муқаррароти қонун аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор амалӣ мешавад. Мавзуи идоракунии давлатии ин соҳа муносибатҳое мебошанд, ки ба омӯзиши қитъаҳои замин ва баланд бардоштани самаранокии роҳҳои автомобилгард рабт

доранд. Ҳадафи калидии идоракунии давлатии ин соҳа ноил шудан ба дурнамои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили раҳоӣ аз анклавҳои коммуникатсионӣ, тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ ва инкишофи робитаҳои тиҷоратӣ байни минтақаҳои наздик ва дур мебошад. Бар хилофи дигар намудҳои таъсиррасонии давлатӣ, идоракунии давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин бахш нисбат ба он субъектҳое нигаронида шудааст, ки бо моликияти истисноии давлат, ба замин, сарукор доранд.

4. Ба зиммаи ташкилоти масъул барои нигоҳдории сифати дахлдори роҳҳои автомобилгард вазифаҳои иловагӣ гузоштан роиҷ аст, аз ҷумла пешниҳоди гузориши солона ба ниҳодҳои марбути давлатӣ дар бораи ҳаҷм, навъ, хароҷоти анҷомшуда, сифати роҳҳо ва дурнамои ояндаи онҳо, ки ин ба истифодаи босамар ва мақсадноки роҳҳои автомобилгард мусоидат хоҳад кард. Дар иртибот бо ҳолати кунунии роҳҳои автомобилгард дар кишвар, пешниҳод мегардад, ки масъулияти нигоҳдории ин роҳҳо то муддати муайян ва дар чаҳорчӯбаи шартномаи консессионӣ бештар бар дӯши субъектҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла паймонкорон, вогузор шавад. Ин равиш аз он ҷиҳат муфид аст, ки масъулияти паймонкорро ҳам дар марҳилаи сохтмон ва ҳам дар давраи нигоҳдории баъдӣ ҷиҳати таъмини сифати хуби роҳҳо боз ҳам баландтар мебардорад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, мо пешниҳодҳои амалии зеринро манзур намудем, ки ба бартарафсозии камбудиҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард нигаронида шудаанд:

– ба қисми 1 моддаи 141 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқул дар баробари роҳи оҳан, хати интиқоли барқ, хати қубур, инчунин «роҳҳои автомобилгард» ҳамроҳ карда шавад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки муносибатҳои марбут ба истифода ва идоракунии чунин инфросохтор дар сатҳи қонунӣ ба таври возеҳ ва муассир танзим шаванд.

– ба моддаи 2-и Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми нав бо чунин мазмун ҷой дода шавад: «Объектҳои хаттӣ – иншоотҳое, аз қабили хати интиқоли барқ, хати қубур, роҳҳои автомобилгард ва дигар сохторҳои ҳамсон».

– дар қисми 13 моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», мафҳуми «роҳҳои автомобилгард» дар шакли зерин сабт карда шавад: «Роҳҳои автомобилгард – маҷмуаи томи ғайриманқул, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шуда, дарбаргирандаи қитъаҳои замини атрофаш, унсурҳои рӯбино ва зербинои он, таҷҳизоти роҳии қисмати технологии он, таҷҳизоти муҳофизатии роҳӣ, таҷҳизотҳои сунъии роҳӣ, объектҳои истеҳсолӣ ва унсурҳои дигари роҳи автомобилгард, ки ҳаракати мунтазаму бехатари автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиётро вобаста ба суръат, иқтидори сарборӣ ва андозаҳои муқарраршуда таъмин менамояд, ба ҳисоб меравад».

– ба мақсади самаранок истифода намудани роҳҳои автомобилгард пешниҳод карда мешавад, ки ба номи моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», калимаи «кафолат» ба тариқи зайл илова карда шавад: «Лоиҳакашӣ, сохтмон ва кафолати роҳҳои автомобилгард».

– ба моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» қисми 6 бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Муҳлати кафолат барои роҳҳои автомобилгарди навбунёд дар ҳама ҳолатҳо набояд аз 20 (бист) сол камтар бошад».

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки рисолаи илмӣ бо назардошти мазмун ва моҳият, инчунин таҳлили мукаммали илмии суратгирифта дорои навгониҳои муҳимми назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки метавон баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намуда, заминаи муҳимми илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Муаллиф** эътимоднокии хулосаҳояшро бо омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, аз ҷумла қонунгузории маданӣ, соҳибкорӣ, замин, шаҳрсозӣ ва роҳсозӣ, инчунин санадҳои зерқонунӣ, стандартҳои техникӣ ва меъёрҳои сохтмонӣ асоснок кардааст ва дар раванди таҳқиқот таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунандаи мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ, ташкилотҳои паймонкорӣ ва субъектҳои

соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Рисолаи мазкур, аввалин таҳқиқоти мукаммал оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина муаллиф қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиққуниро ба таври муназзам таҳлилу баррасӣ намудааст. Гузашта аз ин, муаллиф рисолаҳои илмии як қатор олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал ва пурғановат гардонидани рисолаи илмии худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Таҳлили муфассали доктринаи ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ имконият фароҳам овардааст, ки истилоҳоти ҳуқуқӣ ва мафҳумҳои асосӣ оид ба мавзуи баррасишаванда равшан шуда, дар партави он пешниҳодҳои муайяни илмӣ манзур шудаанд, ки барои такмили қонунгузории соҳа ва татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалия кумак менамоянд.

Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии

таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Таҳлили густурдаи мавзуи таҳқиқот ва дар асоси он нашр гардидани натиҷаҳои диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ, эътимоднокии онро пурра тасдиқ менамоянд. Тавсия ва пешниҳодҳои манзуршудаи муаллиф бо дарназардошти таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, бахусус амалияи мақомоти судӣ сурат гирифтааст.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот, мукаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ тавзеҳ дода шуда, мушкилоти назария ва амалияи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ шуда, аҳаммият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд.

**Боби якум** “Тавсифи умумии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард” фарогири масъалаҳои зерин мебошад: мафҳум ва унсурҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард; инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард; танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард.

**Боби дуюм “Танзими шартномавии муносибатҳои молумулкӣ дар бахши сохмтони роҳҳои автомобилгард”** бахшида шудааст ба

таҳлили масъалаҳои накши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ва тавсифи умумии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меоянд.

**Боби сеюм "Ҷавобгарии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохмтони роҳҳои автомобилгард"** дар бар гирифтааст таҳлили масъалаҳои **марбут ба** ҷавобгарии молумулкии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ва ҷуброни зарари маънавӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард.

Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф **хулосаи** рисоларо таҳия кардааст, ки он ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф, ки дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола автореферартро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар он ифода меёбад, ки муаллиф тамоми мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо вобаста ба самтҳои гуногуни мавзуъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз назари амалӣ ба таври дахлдор ба анҷом расонидааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии ҳуқуқӣ оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳал карда шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои рисола дар он ифода меёбад, ки сохтмони роҳҳои автомобилгард яке аз воистаҳои муҳимтарини муомилоти молӣ ва сармоягузориро дар ҷомеа ташкил медиҳад. Аз ин

лиҳоз, сохтмони роҳҳои автомобилгард натанҳо ба манфиати тарафҳои шартномаҳои марбут ба он аст, балки таъсири бевосита барои рушди муомилоти маданӣ, сармоягузорӣ ва рушди иқтисодии кишвар дорад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот шомили он аст, ки сохтмони роҳҳои автомобилгард ба унвони ниёзи асосии инсон, нақши ҳаётӣ дар амнияти иҷтимоӣ ва равонии он дорад. Аз ин рӯ, ҳар гуна ихтилоф ё мушкилот дар сохтмони роҳҳои автомобилгард метавонад паёмадҳои ҷиддии иҷтимоиро эҷод кунад. Танзими дақиқу дурусти сохтмони роҳҳои автомобилгард ба пешгирӣ аз камбизоатӣ ва рушди иҷтимоӣ кумак мекунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он муаллиф **2** воситаи таълимӣ, **15** мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла **4** адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ

менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф роҳҳои автомобилгардро ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ баррасӣ менамояд. Аммо таҳлили назариявии ин масъала васеъ ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, барои таҳкими хулосаҳои муаллиф зарур буд, ки онро аз зовияи нишонаҳои классикии объекти ҳуқуқи маданӣ (молумулкӣ будан, қобилияти иштирок дар муомилоти маданӣ ва ғайра) бо мисолҳои мушаххаси қонунгузорӣ ва амалияи судӣ таҳлил менамуд.
2. Муаллиф дар зербоби охирини рисола ҷуброни зарари маънавӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро баррасӣ кардааст. Масъалаи ҷуброни зарари маънавӣ хуб таҳлил шудааст, аммо аз ҳошияи масъалаҳои сохтмони роҳҳои автомобилгард дур мондааст. Муаллиф бештар ба баҳсҳои классикии марбут ҷуброни зарари маънавӣ диққат дода, ба хусусиятҳои он дар мавзуи интихобшуда кам аҳаммият додааст.
3. Дар рисола ба масъалаҳои ҳуқуқии стандартҳои роҳсозӣ хеле кам аҳаммият дода шудааст, ҳол он ки сифати роҳҳо маҳз аз риояи стандартҳо вобаста мебошанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар

мавзуи “Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботҳои бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26. 07 соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи факултети
ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Меликов У.А.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ҷаббор Расулов 45/6,
Тел: (+992) 100400879, E-mail: m.umrillo@gmail.com

Имзои Меликов У.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ Ҷураев.Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел. (+992 237) 234-88-02
Сайт: www.iutet.tj
E-mail: dsx_ips@mail.ru

«18» 03 2026 сол